# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ -тарбиявӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

*Мутобикати диссертатсия ба ихтисос хо бо самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод мешавад.*

Диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ”, аз рӯи мазмуну мундариҷааш ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), банди 4 – «Назария ва консепсияи таълим» (навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳои мухталифи таҳсилот), банди 7 –16 «Педагогикаи амалӣ» (ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим;) мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.* Диссертатсияи ба дифоъ пешниҳоднамудаи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ ба яке аз мавзӯъҳои мубрам ва ҳам ба ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Барои он, ки ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои соҳаи тандурустӣ дар шароити навсозӣ, асосан, аз салоҳияти касбӣ ва тайер кардани кадрҳои тиббӣ дар муассисаи таълимӣ вобаста аст.

Чи тавре ки муаллифи диссертатсия қайд намудааст, салоҳияти касбии мутахассиси соҳаи тиб дар зинаи миёна аллакай дар марҳилаи таълими касбии мутахассис ташаккул меёбад. Яъне , хатмкунандаи коллеҷ бояд омода бошад, ки мушкилотро дар соҳаи фаъолияти тиббӣ мустақилона ва самаранок ҳал кунад, бо ҳамкорон ва беморон ба таври мусбат муошират ва ҳамкорӣ намояд, барои рушди доимии касбӣ ва эҷодии худ саъй кунад, ниҳоят, хоҳиши устувори такмили дониш ва худшиносӣ дошта бошад.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия, дар шароити кунунӣ коллеҷҳои тиббӣ бояд савияи баланди таҳсилоти кормандони ояндаи соҳаи

тибби Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намоянд, то ки дар ин ҳол омезиши ҳамоҳанг ва мавзуни таълимоти фалсафӣ бо беҳтарин анъанаҳои тахсилоти миёнаи махсус ба вукуъ пайвандад. Инчунин, мубрам будани ин проблема ба буҳрони умумии тамаддуни муосир вобаста аст, ки яке аз зуҳуроти он пастравии сатҳи фарҳанг, ҳам дар сатҳи касбӣ ва ҳам дар сатҳи умумӣ, мебошад. Падидаи мазкур, дар навбати худ, боиси заиф шудани аҳамияти меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқӣ дар тиб, паст шудани сатҳи салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ низ хохад гашт ё худ гардидааст.

Унвонҷӯй дуруст қайд карадаст, ки таҳти мафҳуми салоҳиятҳои касбии мутахассиси тибби муосир бояд маҷмуи дастурҳо арзишӣ, дониши дорои ҷанбаҳои фарҳангиву касбӣ ва ақидаҳо дар бобати саломатӣ ва ҳаёти инсон, дарки аҳамияти бузурги касби тиббӣ барои ҷомеаи муосир фаҳмида мешавад.

Мо ба чунин гуфтаҳои муаллифи рисола ҳамфикрем, ки дар воқеъ, таҳкурсии касбияти мутахассиси тиб салоҳиятҳои касбии дар ӯ ташаккулёфта мебошад. Аз ин ҷиҳат, стандартҳои давлатӣ ва талаботи мушаххаси бозори меҳнати муосир рақобатпазириро аз мутахассиси ҷавон талаб мекунад. Ин норасоиро бо роҳи дар раванди таълим ҷорӣ намудани эҷодкорӣ, аз ҷумла, тибқи истифода аз амсилаи таълимии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) рафъ кардан мумкин аст, ки агар дар асоси методу усулҳои ба салоҳият асос ёфта баррасӣ гардида бошад.

Мувофиқи акидаи муаллифи диссертатсия, тандурустӣ имрӯз яке аз соҳаҳои муҳим ва баландтехнологии фаъолияти инсон аст. Салоҳияти касбӣ доштан хусусияти муҳимтарини мутахассиси ояндаи тиб низ мебошад. Яъне, мутахассис бояд ҳамеша мустақилу, масъулиятнок ва ба таври боварибахш барои иҷрои вазифаҳои касбӣ омода бошад. Хусусан, дар натиҷаи кори якҷояи омӯзгор ва донишҷӯ, салоҳияти донишҷӯ, тадриҷан ба касбият табдил меебад, ки ин ҳолат маҳорати баланд, азхудкунии амиқи ихтисосро дар ӯ намоиш медиҳад.

Ҳамчунин, муаллиф дуруст таъкид кардааст, ки раванди рушди салоҳияти касбӣ як раванди бисерҷандабест, ки ба ташаккули касбӣ ва шахсии донишҷӯ ҳамчун ба мутахассис таъсир мерасонад. Салоҳияти касбии мутахассиси миёнаи тиббӣ на танҳо ба дониш ва қобилиятҳо кумакрасонандагии у, балки бе қобилияти муоширати оқилона доштан

бо беморон бо мақсади муайян кардани сабабҳои субъективӣ ва объективии бемории дар онхо пайдошуда мебошад.

Инак, фикру мулоҳизаҳо ва андешаҳои дар боло қайдшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи унвонҷӯй Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ ба ҳайси рисолаи номзадӣ дар шароити имрӯза бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, бо дарназардошти талаботи замони муосир бобати таълиму тарбияи донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон, махсусан тибқи гузариш ба муносибати салоҳиятнокӣ дар ба таълим рӯи кор омадаанд, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Қобили зикр аст, ки таҳқиқоти Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳои муҳими шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асосноку, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки унвонҷӯй Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар таҳқиқотӣ диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи диссертатсия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон муваффақ гаштааст. Инчунин, муаллифи диссертатсия ба ҷорӣ намудани равиши салоҳиятнокӣ дар низоми коллеҷҳо тарафдор буда, ҳамзамон, се паҳлӯи мушкилот дар раванди он мавҷударо мадди аввал қайд намудааст.

Чунончи:

1) муайян намудани салоҳиятҳои асосии фаъолияти касбии зарурро;

2) хусусияти раванди тайёр кардани мутахассисонро, ки дар натиҷаи ин амал дар хатмкунандагони коллеҷ салоҳиятҳои умумӣ ва махсус ташаккул меёбад;

3) таҳияи амсилаи (модели) аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мувофиқи фаъолияти амалии кори мутахассис мувофиқро, ки дар асоси омӯзиш ва тавсифи фаъолияти донишҷӯён бо дарназардошти талаботи стандартҳои муосири давлатии таҳсилот, аз омӯзиши бозори меҳнат, талаботи корфармоён, маҷмуи салоҳиятҳои умумӣ ва махсус баррасӣ шуда бошад.

Дар ин бобат муаллиф дуруст қайд мекунад, ки мубрамтарин проблемаҳои таҳсилоти тиббӣ дар шароити кунунӣ ҷустуҷӯйи равишҳои нави ташаккул додани салоҳияти касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ мебошад, ки бояд на танҳо ҷузъист технологии марбут ба азхудкунии амалҳо ва вазифаҳои меҳнатии омӯзандаро дар бар гирад, балки бо назардошти самтҳои асосии ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, он бояд ба тайёр кардани шахсияти мутахассисе равона карда шавад, то ки ӯ психологияи беморонро донад ва қодир бошад, ки ба такмили рушди касбии худ саъй кунад.

Инак, гуфтаҳои болоро дар мадди назар дошта, метавон гуфт, ки тадқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ ниҳоят мубрам, муҳим ва саривақтӣ буда, ба талаботи муосири илми педагогӣ ҷавобгӯ мебошад.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Бояд қайд кард, ки арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва озмоишҳои педагогии баргузорнамудаи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ ва коркардҳои ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф дар равандии таҳқиқот ба мақсади хеш ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташро ҳаллу фасл кардаасту фарзияи илмии пешнҳодкардааш ҳам дар амал тасдиқи худро ёфтааст.

Кобили зикр аст, ки таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ муаллифи диссертатсия принсипҳои асосии методологӣ ва назариявии такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббро муайян намудааст. Баъдан принсипҳои консептуалии такмили салоҳиятҳои касбии дар ҷараёни тайёр кардани мутахассисони ояндаи соҳаи тибро муаллифи диссертатсия таҳия ва асоснок кардааст. Инчунин дар асоси озмоиш шароити педагогии зарурӣ барои баланд бардоштани самаранокии салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро ошкор ва асоснок намудааст.

Ҳамзамон дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва таҳлили масоили зиёди ҳаллу фасли нуктаҳое баррасӣ шудаанд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд.

Масалан;

–консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия ва, аз нигоҳи стратегияи илмии татбиқи тадбирҳои педагогӣ ва ташкилӣ дар доираи фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии муосири низоми таҳсилоти миёнаи махсус асоснок карда шаванд;

-раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, ҳамчун яке аз соҳаҳои ояндадори таҳқиқоти илмӣ дар педагогика, ки дорои ҷанбаи байнисоҳавӣ мебошад, таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;

–амсилаи консептуалии такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ пешниҳод гардидааст, ки имкон медиҳад, то ки фазои таҳсилотиро барои рушди касбии мутахассисони ояндаи тиб мусоид фароҳам оварда шаванд;

– шароити педагогии барои такмили бомуваффақияти салоҳиятҳои касбӣ зарурбуда ва дар амал истифодашаванда муайян ва асоснок шудааст.

Бояд қайд кард, ки нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот пешниҳодгардида, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ, ҳамзамон, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

Раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ раванди динамикӣ буда, дар доираи он дар ҷавонон салоҳияти касбӣ, мавқеи шахсии гуманистӣ ташаккул меёбанд, ки дар муошират бо ҳамсолон ва ҳамкасбон тадриҷан дақиқу амиқ мешаванд ва минбаъд ба вазифаи асосии мутахассиси тиббӣ табдил меёбанд.

Консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои инсонгаросозии таҳсилоти касбии тиббӣ дар доираи ҷанбаҳои зерин: ҷорӣ намудани фазои интерактивии таҳсилот, робитаи мутақобилаи рушди умумӣ ва касбии табиби оянда, арзёбии сатҳи касбии мутахассис бо назардошти муносибати касбии ӯ муайян карда шавад.

Гузариши ҷузъии муҳтавоии таҳсилоти тиббӣ ба равиши антропологӣ ва касбӣ имкон медиҳад, ки ба саломатии инсон мақоми баланди арзиши-иҷтимоӣ дода шавад.

Барои истифодаи босамари такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҷиҳати таъсиси хуби раванди таҳсилот

зарур аст, ки шароит барои амалӣ намудани эҳтиёҷоти инфиродии донишҷӯён ҷиҳати фароҳам овардани фазои эҷодкорӣ ва ташаккул додани салоҳиятҳои касбӣ дар муассисаи таълимӣ чораҳои мушаххаси амалӣ андешида шавад.

Барои ташкили раванди самараноки такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ зарур аст, ки ҷанбаҳои салоҳияти касбии мутахассисони ояндаи тиб муайян ва амалӣ карда карда шаванд.

Самтгирии раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ имкон медиҳад, ки сифатҳои шахсӣ ва касбии донишҷӯён ба таври назаррас инкишоф дода шавад.

*Асосокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Бояд таъкид сохт, ки мувофиқи эътиқоди муаллифи диссертатсия яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки ӯ, яъне муаллифи рисола, масъалаи шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббиро дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ –тарбиявӣ, ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи ӯро боз ҳам возеҳтар фаро гирифтаанд.

Қайд кардан ба маврид мебошад, ки дар диссертатсияи мазкур тибқи муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмии дар соҳаҳои методикаи таълим, педагогика ва психология, ва ҷамъбасту хулосабароридҳо аз озмоишҳои педагогӣ оид ба мавзуи таҳқиқот ҷамъбаст карда шудааст.

Ҳамзамон яке аз самтҳои хуби таҳқиқот таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки масъалаи дараҷаи эътимодноки ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути маҷмуи таҳлилҳои миқдорӣ ва сифатии ҳамаи марҳилаҳои озмоиш, истифодаи методҳои математикии арзёбӣ ва муқоисаи, корҳои озмоишӣ, маҷмӯи маълумоти озмоишӣ бо таҳлили назариявии проблема, муқоисаи маълумоти манбаъҳои илмӣ бо

натиҷаҳои озмоиш, риояи сатхи дахлдори интихобкунии намуна, муайян ва асоснокии назариявии шароитҳои педагогии барои такмили самараноки салоҳияти касбии мутахассисони оияндаи тиб зарурӣ таъмин мегардад.

Бо нуқтаи назари мо, дастовардҳои таҳқиқот зимни такя намудан ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти-методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун омӯзгори соҳа, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шудаанад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот солҳои 2019-2022 дар дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввари Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардидаанд, пешниҳод ва муҳокима шуданду аз тарафи мутахассисон арзёбӣ шудаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Мувофиқи ақидаи муаллифи диссертатсия арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- ба назарияи салоҳиятҳои касби нуқтаҳое ворид карда шуданд, ки нуқаи назарҳоро дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ, умуман, оид ба таҳсилоти тиббӣ дар қаринаи такмили салоҳиятҳои касбӣ тағйир доданд

– асоснокии назариявии принсипҳо ва қонунияти ошкоршудаи салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ оварда шудааст;

– вижагиҳои татбиқи равишҳо ангезавӣ, системавӣ ва ба шахсият нигаронидашуда барои баррасии амсилаи консептуалии такмили салоҳиятҳои касбии мутахассисони соҳаи тиб муайян карда шуданд.

Инчунин, аҳамияти амалии таҳиқиқоти диссертатсионӣ дар он зуҳур меёбад, ки он ҳама шароитҳои педагогии такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷ, ки дар кор дақиқ ва тафсир дода шудаанд ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки онҳо низ тибқи нишондодҳои муаллиф рафтор намуда дар ҳамин ҷода ба комёбиҳои арзишманд ноил шаванд.

– барнома ё худ амсилаи такмили салоҳиятнокии касбии табибони оянда, ки дар ҷараёни таҳқиқот таҳия ва пешниҳод шудааст, метавонад салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббиро боз ҳам бештар рушд диҳад;

– таъминоти илмию методии такмили салоҳияти касбӣ, ки аз ҷониби муаллифи таҳқиқот таҳия шудааст, ҷузъи муҳтавои раванди таълимро дар ҷараѐни омодасозии табибони оянда дар иртибот ба ташаккули салоҳиятҳои касбии онҳо ғанӣ мегардонад.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Гуфтан чоиз аст, ки натиҷаҳои асосии диссертатсия, ки дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ва дар диагар муассисаҳои таҳсилоти оливу коллеҷҳои Тоҷикистон ироа ва баррасӣ шудаанду дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақолаҳои илмӣ ва аз он ҷумла, 5 номгӯй мақолаҳо, дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ки дар вокеъ, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Зикр кардан ба маврид аст, ки тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Аз ҳамин рӯ натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия, тибқи муқаррароти Дастурамал, фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя

карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ*

Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи он аз манфиат холи нахоҳад буд.

*Чунончи:*

1. Дар матни муқаддима дар саҳифаҳои 6-7, 11 диссертатсия ному насабҳои баъзе олимон, муҳаққиқон оварда шудаанд, ки дар рӯйхати адабиёти истифодашудаи диссертатсия мавҷуд нестанд.

2. Ҳангоми муайян кардани навоварии тадқиқот, ба назари мо, лозим буд, ки фарқияти натиҷаҳои муаллиф аз он чизе, ки қаблан аз ҷониби муҳаққиқони дигар анҷом дода шуда аст, ба таври кофӣ нишон дода мешуд.

3.Аз сабаби он, ки диссертатсия ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ–тарбиявӣ бахшида шудааст, ба назари мо, агар дар матни рисола ақидаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва педагогии, асарҳо мутафаккирони маъруфи тибби тоҷик ба монанди Абубакр ар–Розӣ, Абуалӣ ибни Сино ва дигар пешгузаштагон, ки ба ин масъала бахшидашуда низ ба назар гирифта мешуд, хуб мебуд.

5.Дар рӯйхати адабиёти диссертатсия номгӯи асарҳои баъзе олимони алоҳида ба андозаи зиёд афзалият медиҳад (масалан, номгуи асарҳои Каримзода, М. Б. зиёда аз 10 маротиба ва номгӯи асарҳои Абдулғалимов, Р. М- 6 маротиба оварда шудааст.

6.Мутаассифона, дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ шуданашон ба манфиати кор мебуд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМБАСТӢ:

1.Диссертатсияии Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2.Довталаб ба ҳадафҳо низ дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот низ тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ -тарбиявӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, мудири
кафедраи забони русии МДТ
“ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино”
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Юлдошев У.Р.

**Маълумот барои тамос:**

Суроға: "3400003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Сино 29-30: Телефон: +992 985 29 64 78 (моб.).
Суроғаи электронӣ: 25 @tajmedun.tj.
“Имзои У.Р. Юлдошевро тасдиқ мекунам”.

Сардори шуъбаи кор бо кадрҳои
МТД “ДДТТ ба номи
Абуалӣ ибни Сино” Ғаффорзода Абдуҷаббор Саттор

06.04.2023